ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи «Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

Диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна ба таҳқиқ ва омӯзиши ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Воҳидҳои фразеологӣ аз омилҳои асосии шинохти забон ҳамчун воситаи кӯтоҳу муассир ифода намудани фикр маҳсуб мешаванд, ки дар заминаи таҷрибаи хазорсолаи ҳаёти фарҳангии мардум, аз қабили расму оин, анъана, афкори динии мардум ташаккул ёфтаанд. Дар забони умумихалқӣ ва гӯйишҳои мардумӣ ибораҳои фразеологие ба назар мерасанд, ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби худ фарқ карда меистанд. Онҳо ибораҳои таркибан ҷудонашавандаи халқӣ ҳастанд, ки дар гуфтор оҳангу тобишҳои киноявиро равшантар, барҷастатар инъикос менамояд. Баррасии паҳлӯҳои мухталифи таъбирҳои халқии таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҷумлаи бехтарин иқдом барои шинохтани мавқеъ ва дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологӣ дар забони пургановати мо мебошад. Махсусан, хеле зиёд будани захираи фразеологии забони тоҷикӣ, гуногунӣ ва қонуниятҳои фардии инкишофи он тақозо дорад, ки фразеология ҳамчун соҳаи махсуси забоншиносӣ ҳаматарафа, бо камоли масъулият таҳқиқ карда шавад.

Пажухиши ибораҳои фразеологии тавсифӣ аз наздик муаррифӣ карда мешаванд. Онҳо дар колаби ибораҳои изофӣ вокеъ мегарданд. Аз лихози маъно мисли калима як мафҳумро мефаҳмонад. Маънои умумӣ ва ягонаи таъбирҳо аз маънои умумии ҷузъҳо ва сохтори устувор ё рехтаи нахвӣ бармеояд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихобкардаи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна муҳим ва мубрам ба шумор рафта, он дар ифшои

гирехи як силсила масоили нокушодаи иборахои фразеологии тавсифии забони точикй мусоидат мекунад.

Ҳадаф ва вазифахои тахкики диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагихои савтию маъной ва услубии иборахои фразеологии тавсифй махсуб мешавад. Ҳамзамон дар диссертатсияи мазкур вижагихои фардию маъной ва услубии иборахои фразеологии тавсифй ва категорияхои лугавии он ба монанди колабхои иборахои фразеологии тавсифй, ифодаи маъноҳои эҳсосотй, идиомахои тавсифй, фраземахои тавсифй ба воситаи иборахои фразеологии тавсифй, ки барои забоншиносии муосир басо мухим ва айнизамонист, тахлил карда шудааст.

Навгонии тахкикот дар он ифода меёбад, ки тахкики хусусиятҳои савтй ва лугавию семантикии иборахои фразеологии тавсифй бори аввал дар забони адабии муосири точикй мавриди тахкики амику муфассал ва хаматарафа карор дода шудааст ва натичахои он ба пажухишгарону тахкикотчиён ва олимоне, ки сохахои мухталифи унсурҳои иборахои фразеологии тавсифиро мавриди тахкик карор доданианд, хамчунин роҳнамо хизмат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и "Тартиби додани дарачахои илмй, ки бо Қарори Хукумати Ҷумхурии Точикистон" аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдик шудааст, мувофик мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундаричаи ягона мебошад. Натича ва нуктахои илмии барои химоя пешниходшуда сахми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медихад.

Мавзуъ ва мазмуни тахкики диссертатсионй бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони точикй) мувофикат мекунад.

Натичахои асосй, хулосахои тахкик ва тавсияхои муаллиф дар 7 макола, аз чумла, 5-тои он дар мачаллахои илмии такризшавандаи КОА

назди Президенти ҶТ нашр шудааст, ки фехристи он дар охири автореферат оварда шудааст, мақолахои чопшудаи унвончӯ ва теъдоди онхо фарогири мазмуну мухтавои дисертатсия буда, ба талаботи бандхои 34 ва 35-и "Тартиби додани дарачахои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдик шудааст, мувофик мебошад.

Дар диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дарачахои илмӣ" гувохӣ медихад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардхои таҳқиқ ва моҳияти масъалахои мехварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Ахаммияти таҳқиқ, навгонихои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи «Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дарачахои илмӣ", пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи "Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздихии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофикат мекунанд, ба ҳайси мукарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

- **Офаридаев Назрӣ** – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Шаҳбози Рустамшо** – доктори фалсафа PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), директори филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо хукуки дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.М.

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.

«20» декабри соли 2022.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА

ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.
(имзо-подпись)
21.12.2022